*Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...*

# НУРАФШОН

Моҳи майи соли 2022, №5 (82)

**Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

# ҶОННИСОРОНИ РОҲИ ВАТАН



***Дар таърихи инсоният санаҳое ҳастанд, ки бо гузашти солҳо аҳамият ва бузургии онҳо боз ҳам бештар аён мегарданд. Рӯзи Ғалаба ҳам дар радифи ҳамин гуна санаҳои фаромӯшнашуданӣ мақом дорад. Он барои тамоми инсоният, аз ҷумла мо – тоҷикистониён низ азиз ва гиромӣ аст. Ҳанӯз аз огози ҷанг фарзандони тоҷик дар қатори аввалинҳо дар ҳайати ду дивизия ба ҷабҳаи ҷанг рафта буданд.***

Ҳазорон нафар ҷанговарон фиристодагони Тоҷикистон дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва озод кардани халқҳои Аврупо аз фашистон диловарона иштирок варзида, аз худ қаҳрамониҳои бемислу монанд нишон додаанд. Умуман дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ беш аз 260 ҳазор нафар фиристодагони Тоҷикистон иштирок намудаанд. Онҳо барои дифои Ватан ва шарафу номуси мардуми худ дар сангарҳо мубориза шуҷоатнок ва корнамоиҳои бузург нишон дода, зиёда аз 92 ҳазор нафарашон дар майдонҳои набард ҳалок шуданд. Ба нишони қадрдонии далерию қаҳрамонӣ 54 нафар ҳамватанони мо бо унвони олии ифтихории Ватан – Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ, 21 нафар бо ҳар се дараҷаи ордени «Шараф» ва зиёда аз 60 ҳазор нафар бо ордену медалҳо сарфароз шуданд.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шумораи умумии фиристодагони Тоҷикистон қариб 300 ҳазор нафарро ташкил медод. Аз ин ҳисоб 49973 нафари онҳо ба баталёнҳои коргарӣ сафарбар шуданд. Дар муҳорибаҳои шадид тоҷикистониён ҷасорату шуҷоати беҳамто нишон доданд. Дар байни онҳо – Қаҳрамонони Иттифоқи Шӯравӣ Неъмат Қарабоев, Ҳодӣ Кенҷаев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Сафар Амиршоев, Исмоил Ҳамзаалиев, Эргаш Шарипов ва чандин ҷанговарони тоҷикистониро номбар кардан мумкин аст, ки баҳри дифои Ватан дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ қаҳрамонӣ нишон додаанд. Меҳнаткашони Тоҷикистон баробари мустаҳкам кардани ақибгоҳ, инчунин ба қисмҳои ҳарбӣ содиқона ёрӣ мерасонданд. Онҳоро бо сару либос, озуқаворӣ, аслиҳаи ҷангӣ таъмин менамуданд. Дар давраи ҷанг халқи тоҷик барои фронт 151 вагон, 532500 адад либоси гарм, 123800 килограмм пашм, бештар аз 25000 метр газвор ва дигар лавозимот фиристоданд.

Ба захираи мудофиавии Ватан 30 миллиону 500 ҳазор сӯм пули нақд ва 40750 пуд ғалладона ҷамъоварӣ карда супурданд. Барои сохтмони танки «Колхозчии Тоҷикистон» зиёда аз 84 миллион сӯм ва барои сохтмони эскадрилияи «Тоҷикистони Советӣ» 35,2 миллион сӯм ҷамъоварӣ намуданд.

Баъд аз ба охир расидани ҷанг 9-уми май ҳамчун Рӯзи Ғалаба – иди расмии ИҶШС эълон гардид ва ҳар сол дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷашн гирифта мешавад.

9-уми май тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” ҳамчун Рӯзи Ғалабаи халқҳо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) эълон гардида, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иди расмии давлатӣ табдил ёфтаст ва ҳар сол ҷашн гирифта мешавад. Ба муносибати Рӯзи Ғалаба дар шаҳру вилояту ноҳияҳои Тоҷикистон якчанд кӯчаҳову майдонҳо ва боғи Ғалаба дар Душанбе номгузорӣ шудааст. Дар арафаи ид ҳафтаи “Поси хотир” (аз Тоҷикистон 90 ҳазор нафар ҷанговарон дар амалиёти ҷангӣ вафот кардаанд) воҳӯриҳо бо собиқадорон (ветеранҳо)-и ҷанг баргузор мегардиданд, ки барои тарбияи насли наврас нигаронида шуда буданд. Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) аз ҷумлаи идҳои давраи шӯравӣ мебошад, ки дар Тоҷикистони муосир боқӣ мондааст.

Эҳсоси ватандӯстӣ ва мушкилнописандии онҳо имрӯз барои мо, ки истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшида, созандагиву бунёдкорӣ ва ободии Тоҷикистони азизро ҳадафи хеш қарор додаем, намунаи ибрат ва сабақ мебошад.

Бигзор насли ояндаи Тоҷикистон бо чунин ҳисси бузурги ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори миллӣ нерӯи худро танҳо барои ободии Ватани хеш сарф намояд.

*Ҳасанов А. омӯзгори кафедраи забонҳо*

# ДАРКИ ФАРҲАНГИ ДИНӢ- ЗАРБАЕ БА ИФРОТГАРОЁНЕ МЕБОШАД, КИ НИЯТҲОИ НОПОКАШОНРО АЗ НОМИ ДИНИ ИСЛОМ АМАЛӢ МЕСОЗАНД

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз самтҳои асосии ба сулҳу ваҳдат мусоидаткунандаи ҳаёти ҷомеа-ин дарки баланди фарҳанги динӣ ба ҳисоб меравад.

Дар тӯли ҳазорсолаҳо аҷдодони бофарҳангу миллатдӯст ва ватанпарасти мо заҳмати бисёре кашидаанд, то ба хотири таъмини осудагию зиндагии шоистаи ҳамватанони худ, ба оламиён тамаддуни фарҳангию, иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ омодаву пешниҳод намоянд. Дар идомаи анъанаҳои тамаддунофарии ниёгони хирадманду ориётабори тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди дини Ислом дар Тоҷикистон ва ҳифзи ин дини мубин дар арсаи ҷаҳонӣ хизмати беназире намуда, аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ бори дувум дар қатори 500 мусулмони беҳтарини дунё пазируфта шуданд. Боиси сарфарозист, ки Президенти Тоҷикистон шояд аввалин мусулмон ва сардори давлат дар миёни давлатҳои дунё бошанд, ки аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ба ҳам муқобил будани маъниҳои «Ислом» ва «Терроризм» ҷасурона изҳори ақида кардааст. Бо ташаббуси Пешвои миллат соли 2009 дар Тоҷикистон бузургдошти Имоми Аъзам бо ширкати намояндагони мусулмони давлатҳои дунё баргузор шуда, пойтахти Тоҷикистон-Душанберо ҳамчун Маркази фарҳанги исломии ҷаҳон эътироф намуданд.

Имрӯз ҳамагон бохабаранд, ки Президенти Тоҷикистон, аввалин Пешвои миллат мебошанд, ки дар якчанд соли охир ду маротиба вориди хонаи Каъбаи муқаддас гардида, барои файзу баракати рӯзгори халқ ва амнияту осудагии Тоҷикистон ибодат ва дуо кардаанд. Дар сураи Оли Имрон, ояи 97 Қуръони маҷид Худованд фармудааст, ки: «Дар он Хона нишонаҳои равшан, аз он ҷумла мақоми Иброҳим аст; ҳар ки он ҷо дарояд эмин бувад». Бояд тафаккур кунем, ки оромиву осудагӣ ва амнияте, ки дар Ватани азизамон ҳукмфармо аст, аз ҳамин дуову ибодате, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дохили Каъбаи муқаддас ба ҷо овардаанд низ сарчашма гирифтаанд.

Дастуру ҳидоятҳои ватанпарастонаи Пешвои миллат дар бораи он, ки имрӯз Ислому мусулмонии ҳақиқӣ дар Тоҷикистон аст ва дар ҳама шакл дуову ибодатҳо бояд барои оромиву амнияту файзу баракати Ватан бахшида шаванд, барои ҳар як ҳамватани мо, ки дар соҳаҳои гуногун фаъолият менамоянд, бахусус ходимони дин, аз ҷумла сархатибу имомхатибони зиёда аз 4000 масҷидҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бояд барномаи амал гарданд.

Дар шароити пуртаззоду ҷангзадаи сиёсии ҷаҳони муосир, дар ҳолате, ки гурӯҳҳои ифротии терористию экстремистӣ, аз ҷумла ТТЭ ҲНИ бо сарварии М. Кабирӣ ва думравони ватанфурӯши дигараш зидди миллати тоҷик ва Давлату Ҳукумати Тоҷикистон пайваста тӯҳмату бӯҳтонҳо мекунанд, қарзи шаҳрвандиву инсонӣ ва виҷдонии тоҷику тоҷикистониён ва бахусус ҷавонони боору номӯси Ватан аст, ки ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки:

-ниёгони хирадманди гузаштаи мо, ки ҳаёт ва донишу истеъдоди худро дар замони бедавлатиҳои миллат гузаронидаву сарф намудаанд, як орзӯ доштанд, ки давлати соҳибистиқлол ва Пешвои воқеан миллӣ, мисли Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дошта бошанд;

-ҳамаи панду андарзҳои диниро барои ваҳдату рушду нумӯи Ватани соҳибистиқлоли Тоҷикистон истифода баранд, чуноне, ки дини Зардуштӣ барои пойдориву рушду нумӯи Империяи бузурги аҷдодони мо-Империяи Порсоён (Форсҳо), дини Ислом барои ташаккул ва пойдории хилофати Араб ва равияи протестантии дини Масеҳӣ (насронӣ-христианӣ) барои ваҳдату тараққиёти бемисли Амрикои имрӯза хидмат кардаанд;

- дар асрҳои 18 ва 19-и милодӣ зоҳидони(муллоҳои) равияи протестантии дини Масеҳӣ заҳмати зиёде кашидаанд, ки мардуми гуногунмиллати барои кашфи Амрико аз ҳамаи гӯшаву канорҳои дунё ҷамъ омада (ҳабашиҳо, испонитаборҳо, франсавиҳо, инглисҳо, олмониву қабилаҳои скандинавӣ, ҳиндутаборҳо ва дигарон), новобаста аз дину мазҳаб ва забону ранги пӯсташон, ваҳдату ягонагии давлати Амрикоро таъмин карда, бо ғуруру ифтихор худро « миллати амрикоӣ» ном баранд. Шиори ин миллати нав «Он қадар, ки имон ба эътиқод дорем, ҳамон қадар Амрикоро обод меозем ва барои амнияту ваҳдати миллии Амрико меҳнат мекунем» будааст, ки метавонад шиори ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла аҳли дину тақвои Ватани мо бошад;

- падару модаронро ҳушдор созем, ки дар сурати заҳмати бузурге, ки аҷдоди хирадманди мо (Имоми Аъзам, Имом Бухорӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон) барои рушди Ислом кашидаву оламиёнро ба ҳайрат овардаанд, бо кадом хотир сади роҳи фирефтаи намояндагони гурӯҳҳои ифротии терористию экстремистӣ гардида, хоини миллат шудани фарзандон нашуданд?

- бо истифодаи роҳу усулҳои гунгогун дар ниҳоди ҷавонон бояд ҷой кунем, ки беҳтарин ҳунари ҷавонмард аввал омода будан ба ҳифзи марзу буми Ватан ва дуюм омӯхтани илм ва касбу ҳунар аст. Ин ду маънӣ аз каломи Худованд ва ҳадиси Паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад(с) бармеоянд, ки: «Худо ҳама чизро аз рӯи илм офаридааст». (сураи Таҳрим, ояти 12), «Муҳаббат ба Ватан аз гӯшаи имон аст» ва «Омӯхтани илму касбу ҳунар беҳтарин ибодат аст барои ҷавонон», «Талаби илм ибодат аст, такрори илм тасбеҳ аст, омӯзонидани илм барои касе, ки намедонад, садақа аст, худро ба илм бахшидан ин қаробат ба Худовандаст. Роҳи омӯзиши илм роҳи ҷаннат аст»;

- дар зиндагии ҳамарӯза мушоҳида кардан душвор нест, ки шахсони алоҳидаи бо ном «мулло» ба ҳамдиёрон таълим медиҳанд, ки онҳо аз миллати Иброҳими Халилуллоҳанд. Вале оиди он, ки калимаи «миллат» дар забони арабӣ маънои «дин»-ро дорад, ҳарфе намезананд. Инчунин намегӯянд, ки калимаи «миллат» дар забони тоҷикӣ ба маънои «аслият, қавм, нажод» қабул шудааст. Ҳамин тавр зиёда аз ҳазор сол чунин тарғибот ҳуввияти миллии ҳар як тоҷикро коҳиш медод ва мусоидат мекард, ки аз миллату аслияти нажоду фарҳанги хеш дур шавад. Сабаби асосии чунин ҳолат набудани соҳибистиқлолии давлатӣ буд. Хушбахтона имрӯз бо шарофати истиқлолияти Тоҷикистон мардуми он соҳиби муқаддасоти миллии худ: Забон, Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мебошанд.

Хулоса, бояд ҳамаи донишу таҷриба ва дараҷоти худшиносии миллии худро дар таълиму тарбияи ҷомеа ва хусусан қишри ҷавони он ба тарзе истифода барем, ки ҷавобгӯи дастури зерини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бошад: «Ҳамаи мо вазифадорем, ки пеш аз ҳама, худамон намунаи нангу номуси ватандорӣ бошем, мардуми кишварро ба ободу пешрафта гардониданисарзамини аҷдодӣ ҳидоят кунем, пеши роҳи бегонапарастӣ ва хиёнатро ба манфиатҳои миллат ва давлати Тоҷикистон гирем, воло будани манфиатҳои миллӣ ва давлатиро пайваста эҳсос карда, ҳамеша ҳушёру зирак ва ватандӯсту ватанпарвар бошем».

*Ализода А.А., мушовири ректори Донишкадаи*



# АРҶГУЗОРӢ БА ТАЪРИХУ ТАМАДДУН



Таърихи халқи тоҷик хотираи миллати тоҷикро аз замонҳои қадимтарин то замони моро дар бар мегирад ва он қисми таркибии таърихи башар мебошад.

Халқи тоҷик аз асри санг то ворид шудани аҷдодони қадимтарини он ба таърих, пайдоиши давлатҳои аввалин дар қаламрави сукунати халқҳои форсизабон ва то оғози асри XX бо халқҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон, Осиёи Хурд ва мардуми форсизабони дигари Осиё таъриху фарҳанги муштарак дорад. Аз ин рӯ, бе тарҷумон ҳарф зада, ҳамдигарро фаҳмида метавонанд.

Бояд гуфт, ки халқҳои форсигӯро решаи умумии ориёии қадим бо ҳам мепайвандад. Бо дар назардошти ин гуфтаҳо дар таърихи ниёгони мардуми форсизабон ва таърихи халқи тоҷик то оғози асри номбурда ҳудудҳои миллию давлатӣ гузошта нашудааст.

Дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти омӯзиши таърихи халқи тоҷик беандоза афзудааст. Аз ин рӯ, давлат ва соҳаи маорифи кишвар ба таҳқиқ ва омӯзиши таърихи гузаштаи миллат диққати сазовор медиҳанд, аз он ҷумла таълими он дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ низ.

Омӯзиши таърихи халқи тоҷик на танҳо дорои аҳамияти миллӣ буда, таҳқиқи ин таърих ва шинос намудани он ба ҷаҳониён барои миллати тоҷик аҳамияти бунёдӣ дорад. Ба ҳамин восита мо метавонем тамаддуни гузаштаи халқи тоҷикро, ки ба тамаддуни ҷаҳон нишонаҳои оламшумули давлатдорӣ ва илму фарҳангро додааст, ба рӯи оламиён боз кунем ва бигӯем, ки мо яке аз тамаддунҳои бойтарини башарро намояндагӣ мекунем. Ин намояндагӣ наслҳои имрӯз ва фардои миллати тоҷикро водор месозад, ки сазовори ниёгони шӯҳратманди худ бошанд.

Месазад, ки оид ба моҳияти тамаддун ва таърих каме таваққуф кард. Дар замони шӯравӣ вазифаи таърих инъикоси муборизаи синфии антагонистӣ ва дар ин замина инқилобҳои иҷтимоӣ дар асоси ҳақ шумоㅡридани ғояи оштинопазирии табақаҳои заҳматкашон бо табақаҳои дигар ва додани мақоми душмани синфӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоии дорои ҷомеа иборат буд.

Хулосаи дигар ин аст, ки хонандаи мактаби таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ё ашхоси дигар дар таърих бар зидди «душманони синфӣ» мубориза мебурданд. Аз рӯи далелҳои муҳаққиқ ва ё омӯзгор маҷбур буданд, ки табақаҳои дороро бад дида ва нисбати онҳо бадхоҳ бошанд. Чунин қаламдод кардани таърих ва омӯхтани он аҳамияти илм ва фанни таърихро дар ташаккули шахсияти инсонгароёнаи инсон халали ҷиддӣ ворид месозад. Зеро дар амал таърих дар ҷодаи ташаккули инсони башардӯст



Аммо зарур аст, ки таърих вазифаи аслии худ – шиносоӣ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ниёгон, ки дар давлатҳои гуногун умр ба сар бурдаанд, иҷро намояд ва ба ҳамин васила тафаккури таърихии насли ҷавон ва калонсолро ташаккул диҳад.

***НУРАФШОН***

# МАҚОМ ВА НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ТАҲКИМИ СУЛҲУ СУБОТИ КИШВАР

Ҳукумати кишвар ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ медонад ва имрӯз, ки мо дар роҳи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ қарор дорем, барои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат, бояд ба масъалаи ҷавонон ва истифода аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо рӯ биоварем, зеро, ки «Мутобиқи нишондодҳои оморӣ ҷавонони синнашон то 30-сола ба 70% аҳолии ҷамъияти Тоҷикистон баробар аст» ва онҳо айни замон қувваи асосии пешбарандаи ҷомеаи имрӯзаи моянд.

Воқеан, ҷавонон дар ҳама давру замон қувваи асосӣ ва неруи бузурги бунёдгару созандаи давлату мамлакат буданд, ҳастанд ва мебошанд. Аз ин рӯ, ҳануз чанд ҳазор сол муқаддам файласуфи машҳур Арасту навишта буд, ки «Ҳама касоне, ки хусуси санъати идоракунии тафаккур намудаанд, бояд фаромӯш накунанд, ки тақдири империяҳо ба тарбияи ҷавонон вобастагӣ дорад».

Пешвои миллат, ҳануз ба масъалаи ҷавонон дар суханронии худ ба ифтихори 20-солагии баргузории Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати «Рӯ овардан ба ҷавонон»-ро ба миён гузошта, таъкид намуда буд, ки воқеан ҳам таваҷҷуҳ ба ҷавонон маънии рӯ овардан ба ояндаи кишвар ва миллатро дорад.

Аз ин рӯ бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 «Соли ҷавонон» эълон карда шуд. Ҳамчунин нуктаи мазкур дар Паёми декабрӣ ба Маҷлиси Олӣ, ки «…ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд», низ таъкид гардид ва тақвият ёфт. Бинобар ин, вақте, ки дар бораи масъалае сухан меронем, лаҳзаҳои хеле мушкили таърихии пайдоиши онро пеши назар овардан лозим аст. Зеро танҳо бо донистани воқеияти таърихӣ мо метавонем ба ҷой, мақом ва нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот дар таърих баҳои одилона диҳем.

Бо вуҷуди ин, аз ҳамон марҳалаҳои душвори таърихӣ сар карда, то ба имрӯз давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла беҳдошти вазъи таълиму тарбия, касбу ҳунар ва бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо, инчунин мавқеи хоса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда истодааст. Ин буд, ки баъд аз шаш моҳи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ парламенти кишвар Қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон»-ро ба тасвиб расонид, ки санади мазкур заминаҳои ташкиливу ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавононро муҳайё ва муайян намуд.

Дар ин марҳалаи нави таърихӣ Тоҷикистон дар байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, ин иқдомро ба роҳ монд ва як моҳ пеш аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ баъди мулоқоти Президенти кишвар бо намояндагони ҷавонони мамлакат 23 майи соли 1997 мақоми ваколатдори соҳа - Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ гардид ва моҳи ноябри соли 2006 дар заминаи ин мақоми давлатӣ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар марҳалаҳои минбаъдаи рушди давлатдории миллиамон ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи соҳа як силсила ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар барномаҳои соҳавӣ қабул гардиданд.

Дар асоси паёмҳои Пешвои миллат, дигар суханрониҳо ва дастуру супоришҳое, ки дар иртибот ба тарбияи насли наврас ва ҷавонони кишвар мунтазам дода мешаванд, рушди пайгиронаи соҳаи маориф таъмин гардида, мактаб ва илму маориф, инчунин рушди инсонӣ дар сиёсати кунунии давлату Ҳукумат ба сатҳи масъалаи аввалиндараҷа бардошта шуд. Вале муносибати ҷавонон нисбат ба интихоби касбу ҳунарҳои муосир мувофиқи мақсад нест, зеро тавре ки дар Паёми декабрии худ Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, «Мутаассифона, дар замоне, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, дар илми тоҷик навгонӣ ва ташаббусҳои илмӣ кам ба мушоҳида мерасанд, афроди лаёқатманд, ихтироъкор ва навҷӯ ба ҷодаи илмҳои дақиқ ҷалб карда намешаванд ва мавзӯъҳои фармоишӣ барои талаботи давлат равона намегарданд». Давлату Ҳукумати мамлакат тули солҳои истиқлолияти давлатӣ ба рушди низоми тарбияву ташаккули насли солим ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии арзандаи ҳар як шаҳрванд аҳамияти зарурӣ медиҳад. Зеро миллати солим таҳкурсии ҷомеаи солим мебошад.

*Билоли Ҳиҷматулло, омӯзгори кафедраи иқтисодиёти соҳавӣ*

НУРАФШОН

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Исозода Д.Т.
Зувайдуллозода Ф.З.
Обидҷони Ш.Қ.
Шарифова З.Ҷ.
Ализода А.А.

*ТАРРОҲ:* Абдуалиев Б.С.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ маталибе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.

Нишонии мо: н. Кӯшониён, Ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.

Сомонаи интернетӣ: www.det.tj